**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Ректори Донишкадаи**
**давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода,**
**н.и.ф., дотсент Гулназарзода Ҷ.Б.**
______________________________
«_____»____________________2020

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

**ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод карда шудааст.**

Баъд аз ифтитоҳи ҷаласаи кафедра ҷиҳати баррасии мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия ба докторант Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дода шуд. Докторант ба таври зайл гузориш дод:

Мавзӯи рисолаи номзадии ман, ки барои муҳокимаи Шумоён пешниҳод шудааст, ба таҳқиқи масъалаи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» бахшида шудааст.

Рисолаи мазкур маҳсули таҳқиқи чандинсолаи ман дар соҳаи таълими фанҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фаннҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ ва этика ва эстетика дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Дар давоми ин солҳо чи дар таълими фанҳои зикршуда ва таҳқиқи масъалаи баррасишуда ба як қатор душвориҳо дучор мегардидам, ки онҳо маҳз ба пастшавии сифати таълим ва тарбияи ҷавонон дар мактабҳои олӣ вобаста буданд. Чунин норасоиву камбудиҳо ҳатто дар Паёми имсолаи Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардида, қайд карда шуд, ки яке аз проблемаҳои асосии ҳалталаби соҳаи ахлоқ, ин баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар мебошад. Дар шароити имрӯзаи пешрафти Тоҷикистон, ки ворид гардидани унсурҳо ва арзишҳои бегона мушоҳида карда мешавад, ба хотири нигоҳ доштани арзишҳои

миллӣ, инкишофи ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани сатҳи ахлоқии ҷомеа, таъмин намудани раванди самараноки таълиму тарбия, рӯй овардан ба фалсафаи амалии халқи тоҷик ва истифодаи афкори ахлоки ва таълиму тарбия дар амалия самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд. Таҳлилу омӯзиши сатҳи илмии мавзӯъ исбот намуд, ки таҳлили фалсафи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ва осори ахлоқии мутафаккирони ин давра барои ҳалли масъалаҳои дар соҳаи ахлоқ вуҷуд дошта нақши назаррас доранд. Маҳз барои ҳамин, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурӣ ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои мухталифи давраҳои муҳимми таърихии рушди халқи тоҷик таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шуд. Ба чунин давраи таърихии мардуми тоҷик давраҳои Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ мебошанд, ки давраи гулгулшукуфоии фарҳанги ахлоқии тоҷик мансуб аст, ки онро баъзан “Давраи Эҳё” ё “Эҳёи Аҷам” ном мебаранд, метавон шомил намуд.

Табиист, ки дар ин давра фалсафаи ахлоқ ҳанӯз чун соҳаи мустақили фалсафа ташаккул наёфта буд, аммо файласуфони тоҷик ғояҳои гуногуни тарбиявию фалсафиашро ба миён гузоштанд, ки онҳо дар рушди фалсафаи ахлоқии умумиҷаҳонӣ нақши муайяне бозиданд.

Фалсафаи ахлоқ дар таълифоти педагогҳо, муаррихон, филологҳо ва файласуфони тоҷик аз мавқеъҳои мухталифи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, масалан, А. Ҳикмат, И. Каримов, М. Усмонов, А. М. Баҳоваддинов, Ғ. Ашуров, М. Диноршоев, А. Шарипов, Н. Арабзода, М. Исоев, С. Ҳайдарова, А. Р. Ҳайдарӣ, М. Н. Болтаев М. Рахабов, Н. Идибеков, Р. Комилов, М. Мирбобоев, А. Шамолов, У. А. Ғаффорова, Н. Ю Салимов, ва ғ. мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ асосан асарҳои фауласуфон ва муҳақиқони тоҷики асрҳои миёна, ба монанди осори таълимию тарбиявӣ ва ахлоқӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, А. Берунӣ, Умари Хайём, Имом Ғаззоли, Ибни Муқаффаъ, А. Бадавӣ, Ал-Хоразмӣ, А. Ҷомӣ, А. Дақиқӣ, Ҷ. Давонӣ. К. Қазвинӣ, Носири Хусрав, А. Розӣ, Ф. Розӣ, Н. Тӯсӣ, Ибни Қифтӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Надим, Ал-Киндӣ, Ш. Суҳравардӣ, Эроншаҳрӣ,

ва дигарон такя карда аст. Илова бар ин, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди Де Бура, Ю. Руск, П. Краус, М. Меерхоф, А. Арбери, Р. Велзер, А. Корбен, Л.Е. Гудман, Д.Ж. Сартон, М. Нахмободӣ, С.М. Таботабой, А. Иқбол, М. Муин, А. Ҳикмат, А. Ҳалабӣ, М. Муҳақиқ, А.И. Оштиёнӣ, П. Азкой, И. Ҳ. Куҳсарӣ, А. Бадавӣ, М. Ал-Фахури, У. И. Каримов, М. Усмонов, А. М. Баҳоваддинов, Ғ. Ашуров, М. Диноршоев ва дигарон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Андешаҳои арзишманди дар асарҳои илмӣ ва таҳқиқотии муаллифон баён гардидаро ба назар гирифта, қайд кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои дар таълифоти ин олимон ҷойдошта моро водор намуд, ки таҳқиқи ин масъаларо мавриди омузиш қарор диҳем. Вобаста ба ин масъала, қайд намудан зарур аст, ки таҳқиқу муайян намудани хусусиятҳо, шаклҳо ва тарзи ташаккули шахсият, таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Нсириддини Тӯсӣ яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Нсириддини Тӯсӣ мавриди баррасии илмии ин рисола қарор гирифта, таъсири онҳо ба рушди фалсафаи ахлоқи дар асрҳои минбаъда нишон дода шудаанд.

**Навгонии рисолаи таҳқиқотии мо аз нуктаҳои зерин иборатан:**

- бори нахустин таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ анҷом дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо ошкор карда шудааст;
- дар натиҷаи таҳлили муқоисавии анҷомёфта, муайян шудааст, ки Насириддини Тусӣ системаи ратсионалистии Абӯбакри Розиро дар баррасии масоили ахлоқӣ тақвият додааст;
- таъсири афкори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насирддини Тусӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи фалсафаи ахлоқи ватанӣ ва хориҷӣ муайян карда шудааст;
- аҳаммияти амалии таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насирддини Тусӣ дар рушди фалсафаи ахлоқии муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир нишон дода шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- фалсафаи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил карда шудааст;

- сарчашма ва заминаҳои шаклгирии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ошкор ва таҳлил карда шудааст;

- ба таври мушаххас таъсири таълимотҳои ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти он дар раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст;

- афкори тарбияи ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд;

- ба таври мушаххас низоми тарбияи ахлоқи дар доираи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги исломӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия:**

- хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи ахлоқ метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд;

- таҳлили масъалаи афкори фалсафаи ахлоқии мардуми форсу тоҷик дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мухталифи фалсафаи ахлоқи дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар самти назариявӣ ба таври назаррас омӯзиши афкори фалсафаи ахлоқии мардуми форсу тоҷикро тағйир медиҳад;

- мазмун ва хулосаҳои таҳқиқот ҳамчун заминаи методологӣ дар коркарди масъалаи фарҳангӣ, ахлоқии маънавӣ ҷомеа кумак менамоянд;

- ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи ахлоқи, фалсафаи тоҷик, этик ва эстетика, назария ва таърихи фарҳанг, равоншиносии иҷтимоӣ истифода намуд.

- маводи таҳқиқотро метавон барои машғулиятҳо аз фанҳои фалсафа, этика ва эстететика ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ истифода намуд;

- маводи таҳқиқотро инчунин метавон дар мубориза бар зидди афкори тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода кард;

- маводи таҳқиқот имкон медиҳад, ки масъалаҳои мухталифи раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ба таври дақиқу саҳеҳ дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад;

Андешаҳое, ки дар рисола баён гаштаанд, ки метавонанд ҳангоми таҳлил, омӯзиш ва бартараф намудани камбудиҳои дар самти флсафаи ахлоқ ҷой дошта истифода шаванд.

Пешниҳодҳое, ки шудаанд метавонанд ҳангоми таълими фанҳои этика ва эстетика, ахлоқ, равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, таърихи фалсафаи тоҷик ва навиштани дастуру монографияҳо доир ба фалсафаи ахлоқ истифода шаванд.

Сухан ба экспертӣ рисолаи диссертатсионӣ, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Сулаймонов Б.С., ки тақризи худро пешниҳод кардааст, дода мешавад:

Кори таҳқиқотии Абубакри Мирзоаҳмади Грезода «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 Фалсафа пешниҳод гардидааст, дар шароити имрӯзаи инкишофи соҳаи илми фалсафаи ахлоқ дар Тоҷикистон, дорои аҳамияти калон мебошад.

Мусаллам аст, ки барои ҳар гуна давлати соҳибистиқлол масъалаи ахлоқ яке аз масоили асоситарин ба ҳисоб рафта, дар таҳким ва густариши ҷомеаи инсонӣ ва рушди ҳамаҷонибаи аҳли ҷомеа нақши назаррас мебозад. Ба сифати фанни алоҳидаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тадрис гардидани ахлоқ бешак далели гуфтаҳои боло мебошад. Дар воқеъ коста гардидани ахлоқ аз авомиле маҳсуб меёбад, ба рушди ҳуввият ва асолати миллӣ таъсири манфӣ расонида, ба бенизомӣ ва бетартибии ҷомеа боиси мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар замони бархурди тамаддунҳо, дар ҳоле, ки ҷомеаи инсониро хавфу хатарҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ таҳдид менамоянд, рӯ овардaнд ба фарҳанги ниёкон ва эҳёву муаррифии он ҷаҳониён аз корбурдҳои хеле муҳим маҳсуб ёфта, дар ташаккул ва тақвияти худшиносии миллӣ, дарки баланди масъулиятшиносии ҷавонон бевосита таъсири хешро мерасонад ва метавонад боиси аз байн бурдани хатари бегонашавӣ ва ё

бегонапарастии ҷавонон шуда бошад. Мавзӯи таҳқиқоти Абубакри Мирзоаҳмади Грезода, ки бевосита ба таҳлили фалсафаи ахлоқи Абубакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ, ки аз саршиностарин чеҳраҳои илм ва фалсафаи мардумони тоҷику форс маҳсуб меёбанд бахшида шуда, дар рушди фалсафаи ахлоқ дар кишвар нақши назаррасе мебозад. Муаллиф ҳадафи ассии таҳқиқотро дар муайян намудани моҳияти андешаҳои ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ва баррасии умумияту фарқияти усули куллии фалсафаи ахлоқии онҳо мебинад.

Дар кисмати назариявии рисола диссертант таълифоти олимони ватанию хориҷиро оиди масъалаи мавриди назар дар сатҳи зарурӣ омӯхта, дар ин замина таъкид менамояд, ки муҳаққиқон зимни таҳқиқотҳои хеш на ҳамаи масоили марбут ба мавзуро тадқиқ ва баррасӣ намудаанд, аз назари диссертант масъалаи таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ таҳқиқоти тозаеро талаб менамояд.

Боби якуми диссертатсия **“Тавсифи умумии осори фалсафӣ-ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ”** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст, ки дар онҳо мураттабан мероси фалсафӣ-ахлоқии ҳар ду мутафаккир мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор мегирад. Дар нахустзербоби боби аввали диссертатсия: **осори ахлоқии Абубакр Муҳаммад Закриёи Розӣ,** диссертант дар такя ба таҳлили муқоисавии маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ атрофи мероси илмиву фалсафии мутафаккир маълумот дода мазмун ва мундариҷаи ҳар яке аз онҳоро шарҳу тавзеҳ дода аст. Дар зербоби мазкур диссертант андешаҳои муҳаққиқин ва олимони гуногунро (аз қабили Ибни Надим, Ҷамолиддин Кифтӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ибни Абӯусайбия, Муҳаммад Наҷмободӣ, Маҳдии Муҳаққиқ, Парвиз Азкой, Мусо Диноршоев) атрофи осор ва эҷоди Абубакри Розӣ ҷамъоварӣ намуда, дар ин замина назари хешро низ баён намудааст. Дар зербоби дуввуми боби аввали диссертатсия: **осори ахлоқии Хоҷа Насириддини Тусӣ,** бошад диссертант бо дарназардоштӣ таҳқиқотҳои ватаниву хориҷи атрофи мероси илмиву фалсафӣ ва осори ахлоқии Насириддини Тӯсӣ маълумот медиҳад. Диссертатн  нуктаи асосӣ ва марказии

таълимоти Тӯсиро ба се гурӯҳи асоси тақсимбанди намуда аз ҷумла меафзояд: якум, ба андешаи мутафаккир ахлоқ амри фитрию модарзодӣ намебошад, зеро он дар зери таъсири тарбия ва муҳит ташаккул меёбад; дувум, мутафаккир зикр менамояд, ки ахлоқ тағйирпазир буда, вобаста ба вазъ ва ҳолати табия метавон онро такмил ваё ислоҳ намуд; саввум, мувофиқи андешаи файласуф, инсон дар рафтор, кирдор ва гуфтори худ мустақил буда, шахсан барои он масъулиятро ба дӯш дорад(саҳ. 40).

Боби дуюми рисола **“Муқоисаи андешаҳои ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ”** унвон дошта фарогири се зербоб мебошад. Муаллиф дар зербоби аввали боби дувуми диссертатсия **моҳияти фалсафаи ахлоқи Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ**-ро бо ҳам қиёс менамояд. Зимни қиёс Абубакри Мирзоаҳмади Грезода нақши “Тибби рӯҳониро” дар тараннуми андешаҳои ахлоқии Абубакри Розӣ назаррас арзёбӣ намуда, бар он назар аст, ки мақсади асосӣ ва авалиндараҷаи “Тибби рӯҳонӣ” аз назари Абубакри Розӣ бевосита бартараф сохтан ва ислоҳ кардани нуқсон ва камбудиҳои ҷойдошта ва мукаммал гардонидани сифату феъли ахлоқии инсон мебошад. Тавре муаллиф ишора менамояд ҳадаф ва вазифаи асосии ахлоқ аз назари Абубакри Розӣ мукаммал ва устувору мустаҳкам намудани сифату феъли ҳамида ва мутеъ гардонидани хоҳишу ҳавасҳои ҳиссии инсон ва хиради ӯ мебошад. Аз назари Абубакри Мирзоаҳмади Грезода яке аз хусусиятҳои хос ва муҳими фалсафаи ахлоқи Абубакри Розиро ақлгароӣ, яъне ратсионализм ташкил медиҳад, зеро ӯ маҳз ақлу хирадро сарчашмаи асосии рушду нумуи ҷавҳари инсонӣ мешуморад(саҳ. 57). Диссертант дар такя ба “Ахлоқи Носирӣ” кӯшиши ошкор намудани моҳияти таълимоти ахлоқии Носири Хусравро намуда, бар он назар аст, ки муҳтавои низоми ахлокии мутафаккирро таҳлил ва натиҷагирии афкори ахлоқии сулолаҳои гуногун (Пешдодиён, Сосониён, то Ибни Муқаффаъ) афкори ахлоқию сиёсии мутафаккмрони Юнон, аз қабили Суқрот, Пифагор, Афлотун, Арасту, ҷанбаи ахлоқиву ҳуқуқии Қуръону аҳодиси набавӣ ва андешаҳои ахлоқиву фарҳангии мутафаккирони исломӣ аз ҷумла ал-Киндӣ, Форобӣ, Берунӣ, Ибни Мисковайх, Ибни Сино ва ғайра ташкил медиҳанд.

Дар зербоби дувуми боби дувуми диссертатсия диссертант **меъёрҳои ахлоқи аз нигоҳи Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ-**ро мавриди таҳқиқ карор медиҳад. Дар ин зербоб унвонҷӯ меъёрҳои гуногуни ахлоқиро дар такя ба арзишмандтарин асарҳои мутафаккирон аз қабили "Тибби Рӯҳони"-и Абубакри Розӣ ва "Ахлоқи Носирӣ"-и Насириддини Тӯсӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, таҳкид менамояд, ки Ақоиди ахлоқии ин ду ҳаким дар зери таъсири таълимоти файласуфони Юнони Қадим – Сукрот, Афлотун, Арасту ба вуҷуд омадаанд, вале онҳо таълимоти мустақили худро омода ва ба ба шароити ҷомеаи замони худ мутобиқ сохтаанд(саҳ. 115).

Зербоби саввуми боби дувуми диссертатсия **ҳамоҳангию тафовутҳои осори ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ** унвон дошта, дар он диссертант алоқамандиву фаркияти андешаҳои ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсиро мавриди пажӯҳиш ва тадқиқ қарор медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия диссертант аз ҳар як боб ва зербобҳои диссертатсия натиҷагирӣ менамояд.

Мазмун ва хулосаҳои таҳқиқот ҳамчун заминаи методологӣ дар коркарди масоили фарҳангӣ маънавии ҷомеа хосатан дар ҳалли масоили ахлоқ баромад менамоянд. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсияро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии ахлоқ, зебоишиносӣ, сотсиология ва фарҳангшиносӣ истифода намуд.

Новобаста аз муваффақияту дастовардҳо диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода аз камбудиву норасогиҳо орӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл иброз намуд:

1. Диссертатсия ба таҳрири ҷиддӣ ниёз дорад.
2. Номи мавзӯъ таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ аст, аммо исми мутафаккир Насириддини Тӯсӣ дар дохили диссертатсия дар беш аз се шакл оварда шудааст. Масалан дар баъзе саҳифаҳо Насириддини Тусӣ(саҳ. 11, 12, 14, 15, 34, 35, 38,39, 41, ...), дар баъзе саҳифаҳо Насирӯддини Тусӣ(саҳ. 13), дар баъзе саҳифаҳо Насриддини Тусӣ(саҳ. 41, 45, 48, 51, 53,... ) ва дар баъзе саҳифаҳо Носируддини Тусӣ(саҳ

60, 67,). Хуб мебуд агар диссертант дар рафти кор ба ҷои ҳамаи ин Насируддини Тӯсиро, ки дар аксари адабиёти илми чунин омадааст, истифода мебурд.

3. Дар диссертатсия мазмуни баъзе аз аз андешаҳо нофаҳмо боқи мондааст. Масалан: Тавассути муқоисаи таълимоти ахлоқии ин ду абармарди илм, ки дар замонҳои гуногун ҳаёту фаъолият доштанд, ки фаҳмиши ратсионалии масоили ахлоқиро дар шуури насли муосир ҷой намоем (саҳ. 5). Мо бар ин ақида ҳастем, ки дар замони муосир миллати тоҷик, ҷомеъаи мо, беш аз пеш муҳтоҷ ба пайгирӣ аз сунатҳои ахлоқии пешомадагон мебошад. Зеро ин ақидаҳои ахлоқӣ ба пояи ақл асос ёфтаанд ва инсонро водор менамоянд, то рафтору кирдори бошууронаро пайгирӣ намуда, асоси давлат ва ҷомеаро мустаҳкам гардонида, монеъи ақидаҳои вайронкорона шаванд(саҳ 35) ва бисёр ҳолатҳои дигари ба ин монанро дар диссертатсия во хӯрдан мумкин аст.
4. Дар диссертатсия сухан бештар дар бораи Абубакри Розӣ рафта дар хусуси Насириддини Тӯсӣ маълумот хеле кам ба назар мерасад.
5. Дар рӯихати адабиёте, ки диссертант дар қисмати ниҳойии диссертатсия овардааст камбудиҳо ба назар мерасанд. Бархе аз адабиёти овардашуда соли барориш ва шумораи умумии саҳифаҳояш нишон дода нашудаанд.
6. Дар диссертатсия камбудиҳои зиёди техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки бештари камбудиҳои ҷойдошта характери пешниҳоди дошта, мазмун ва мӯҳтавои диссертатсиониро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ, кори мустақилона анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод гардидааст, фарогири масъалаҳои маориф буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, муаллиф барои сазовор шудан ба дараҷаи

илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода аз таърихи 02 декабри соли 2020, протоколи №5 муҳокима карда шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Сулаймонов Б.С., омода карда шудааст.

Эксперт: н.и.ф. Сулаймонов Б.С.

Раисикунанда: н.и.ф., дотсент, мудири
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, 734003,
ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
тел.: (992 37) 232 -51-04 Маҷидов Д.Ҳ.

Котиби ҷаласа: Азизмуродов М.Р.

Имзои Сулаймонов, Маҷидов ва Азизмуродовро
тасдиқ мекунам: мудири шубаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.